**Протоколи № 1**
чаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-О56-и назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
аз «03» апрели соли 2024 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 11 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии бо фармоиши КОА назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2022, №171/шд тасдиқгардида, 9 нафар, ки аз онхо 5 нафарашон доктороні илм аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниход шуд, ки чаласа кушода эълон карда шавад, пешниҳди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

**Рӯзнома:**

1. Дар бораи қабул ва баррасии рисолаи Раҳимова Умедахон Ҷӯрабоевна дар мавзӯи **«Хусусиятҳои технологии қутбишгари рӯшноӣ дар заминаи пардаҳои полимер-кристалли моеъ»** ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори философия (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D060400 (6D060407-Физикаи муҳитҳои конденсӣ) барои ташхис дар комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионӣ ва таъин намудани комиссияи ташхис.

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси Шӯрои диссертатсионӣ, профессор Комилов Қ. дар бораи ворид гардидани аризаи унвонҷӯ ба номи ректори ДМТ ва раиси Шӯро, инчунин ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Раҳимова Умедахон Ҷӯрабоевна ба Шӯрои диссертатсионӣ. Раиси Шӯрои диссертатсионӣ ба аъзои Шӯро иттилоот дод, ки ба ректори ДМТ аз номи ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров» мактуби расмӣ ворид гардидааст.

**Баромад кард:**

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ н.и.ф.-м., дотсент Исломов З.З. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод намудаи Раҳимова У.Ҷ. -автореферат (бо забонхои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи низомномаи Намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти раками №267 тасдиқ гардидааст ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва диссертатсияи худро ба Шӯро пешниҳод намудааст. Бинобар ин барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ва ташхис дар комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионӣ ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Раҳимова Умедахон Ҷӯрабоевна дар мавзӯи **«Хусусиятҳои технологии қутбишгари рӯшноӣ дар заминаи пардаҳои полимер-кристалли моеъ»** ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори философия (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D060400 (6D060407-Физикаи муҳитҳои конденсӣ) барои ташхис дар комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионӣ қабул карда шавад.
2. Комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

Солиҳзода Давлат Қуват- доктори илмҳои физикаю математика, профессор, аъзои Шуро, раиси комиссияи ташхисӣ.

Раҳимӣ Фарҳод - доктори илмҳои физикаю математика, профессор, аъзои Шуро, аъзои комиссияи ташхисӣ.

Мирзоев Бодур- доктори илмҳои техникӣ, дотсент, аъзои Шуро, аъзои комиссияи ташхисӣ.

**Қарор кабул карда шуд:** тарафдор - 9 нафар, зид, бетараф - нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои физикаю математика,
профессор — Комилов Қ.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои физикаю математика,
дотсент — Исломов З.З.

Имзои д.и.ф.-м., профессор Қ. Комилов ва н.и.ф.-м., дотсент З.З. Исломовро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корхои махсуси ДМТ — Тавқиев Э.Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС · ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН · TAJIK NATIONAL UNIVERSITY · УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ